***“Комсомоли Тоҷикистон”***
**№ 67 (5310), *чоршанбе 2 июни с. 1971, саҳ. 2***

# ДОНИШҶӮ, РИСОЛАИ ДИПЛОМӢ ВА РОҲБАРИ ИЛМӢ

БА НАВИШТАНИ РИСОЛАИ ДИПЛОМӢ КӢ ҲАҚ ДОРАД?
– АЛБАТТА, СТУДЕНТИ ХУШҚОБИЛИЯТ
ҚОБИЛИЯТИ СТУДЕНТ ЧӢ НАВЪ МУАЙЯН КАРДА МЕШАВАД?

Муайянкунандаи қобилияти студент, пеш аз ҳама, дониши худи ӯст, ки он дар маъракаҳои имтиҳонот зоҳир мегардад. Инчунин, қобилият ва рағбати студентро иштироки фаъолонаи ӯ дар маҳфилҳои илмии студентӣ равшан мекунад.

Студентон дар курсҳои дуйум, сейум ва чорум корҳои курсӣ менависанд, ки ин худ барои таълифи рисолаи дипломӣ дар оянда як навъ мактабе мебошад.

Курси чорум ба таври қатъӣ ҳал мекунад, ки кӣ аз ӯҳдаи таълифи рисолаи дипломӣ баромада метавонад ва кӣ не. Рӯйхати студентони қобилиятнокро кафедра мувофиқи тавсияи роҳбари ҳамон синф ва маслиҳати муаллимон ҷудо менамояд.

Мавзӯъҳои рисолаҳо пешакӣ дар маҷлиси кафедра ҳартарафа муҳокима ва тасдиқ карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки мавзуъҳои рисолаҳои дипломӣ ҳанӯз дар нимаи дуюми курси IV тақсим карда мешаванд. Ин боиси он мешавад, ки студент хеле барвақт мақсад ва вазифаи мавзуи худро дурустакак мулоҳиза намуда, нақшаи корро муайян мекунад ва бо ҷамъ намудани омӯзиши адабиёти зарурӣ барвақт машғул мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки агар мавзуъ ба студент ба хубӣ шинос бошад, яъне ӯ аз курси III сар карда ва ё ҳеҷ набошад дар курси IV дар атрофи ҳамон мавзуъ кори курсӣ навишта бошад, рисолаҳои дипломии аълосифат ҳосил мешавад.

Ва баръакс, мавзуъ нав бошаду он танҳо дар охири курси IV супурда шуда бошад, рисолаи дипломӣ аксаран хеле хом навишта мешавад.

Рисолаи дипломӣ. Ҳар як студент орзу дорад, ки ба боварии муаллимон ва кафедра соҳиб шавад, рисола нависад.

Таълифи рисола имтиёз ҳам дорад. Студенте, ки рисолаи дипломӣ навиштааст, аз дигар имтиҳоноти давлатӣ қариб озод мешавад. Ӯ дар КИД (Комиссияи имтиҳонии давлатӣ) танҳо рисолаи худро ҳимоя мекунад.

Рисолаи дипломӣ - оинаи донишу қобилияти студент ҳисоб меёбад, зеро дар он доираи назари муаллиф, дараҷаи вуқуфи ӯ аз адабиёти мавҷуда, захираи дониш, тафаккурот ва маҳорати қаламронии ӯ маҳз дар рисола зоҳир мегардад. Ва КИД ҳам ана ҳамаи ин масъалаҳоро ба ҳисоб гирифта, ба сифати рисолаи дипломии студенти хатмкунанда баҳо мегузорад.

Пас, омили сифати рисолаи дипломӣ кадом аст?

Албатта, сифати рисола ба бисёре чизҳо (масалан, қимати мавзуъ, дар вақташ интихоб шудани он ва ғайра) вобаста аст. Лекин омили асосӣ, пеш аз ҳама, ба худи студент ва роҳбари илмии ӯ вобаста мебошад.

Агар студент мавзуъро барвақт интихоб намуда, нақшаи онро хуб андешида, материалро суботкорона ҷамъ намуда, онро бо шавқу рағбат ба рӯи коғаз оварад ва он навиштаҳоро гаштаю баргашта аз нав кор кунад, бешубҳа, рисолаи хуб ба даст хоҳад омад. Баҳои баланди КИД ба рисолаи дипломӣ - орзуи ҳар як студент аст.

Омили дигари чигунагии рисолаи дипломӣ - роҳбари илмӣ мебошад. Агар роҳбари илмӣ ҳар як андешаи шогирди худро бодиққат шунида, савобу носавоби онро гӯяд, ҳар як навиштаи ӯро боҷиддият хонда, тарафҳои дурусту нодурусти онро нишон диҳад, он рисола, бегумон, хуб хоҳад шуд. Баҳои аълои гирифтаи шогирд - ифтихору шодии устод аст.

Хуллас, ғарази хушсифатии рисолаи дипломӣ, аз як тараф, меҳнаткашии шогирд бошад, аз тарафи дигар, серталабии устод аст.

Аммо бисьёр студентон ба рисолаи дипломӣ саҳл менигаранд, онро осон гумон мекунанд. Онҳо фаромӯш мекунанд, ки дуруст ифода карда тавонистани фикр ба бисёр ва бамулоҳиза навиштан вобаста аст ва пеши қалам танҳо дар меҳнат, дар меҳнати пурмашаққат кушода мешавад.

Қисме аз чунин хатмкунандагон бо як илоҷе рисоларо ҳимоя карда, диплом гирифта, соҳиби маълумоти олӣ шаванд ҳам, шахси комилу фозил шуда наметавонанд, дар иншои як порча мактуб, ё мақола ё ғайри он душворӣ мекашанд.

Мутаассифона, баъзе муаллимон ҳам дар таълифи рисолаҳои дипломӣ (махсусан, корҳои курсӣ) серталабӣ зоҳир намекунанд, шогирдро дар кор кардан, ҷустуҷӯ намудан, таҳрирҳои такрорӣ маҷбур намекунанд. Ин муносибат, зоҳиран, нисбат ба студент ғамхорист. Аммо, дар ҳақиқат, ин камоли бераҳмист, зеро ба туфайли он хатмкунанда маълумоти олӣ гирад ҳам, саводи комил намебарорад, зиёии ҳақиқӣ шуда наметавонад.

Дар охир таъкид мекунем, ки роҳбари илмӣ серталаб, мавзуъ муҳимму зарурӣ ва шогирд меҳнаткаш бошад, рисолаи хуби дипломӣ ба даст меояд.

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ.**

# ДОНИШҶӮ, РИСОЛАИ ДИПЛОМӢ ВА РОҲБАРИ ИЛМӢ

**БА НАВИШТАНИ РИСОЛАИ ДИПЛОМӢ КӢ ҲАҚ ДОРАД!**

**— АЛБАТТА, СТУДЕНТИ ХУШҚОБИЛИЯТ.**

**ҚОБИЛИЯТИ СТУДЕНТ ЧӢ НАВЪ МУАЙЯН КАРДА МЕШАВАД!**

Муайянкунандаи қобилияти студент, пеш аз ҳама, дониши худи ӯст, ки он дар маъракаҳои имтиҳонот зоҳир мегардад. Инчунин, қобилият ва рағбати студентро иштироки фаъолонаи ӯ дар маҳфилҳои илмии студентӣ равшан мекунад.

Студентон дар курсҳои дуюм, сеюм ва чорум корҳои курсӣ менависанд, ки ин худ барои таълифи рисолаи дипломӣ дар оянда як навъ мактабе мебошад.

Курси чорум ба таври қатъӣ ҳал мекунад, ки кӣ аз ӯҳдаи таълифи рисолаи дипломӣ баромада метавонад ва кӣ не. Рӯйхати студентони қобилиятнокро кафедра мувофиқи тавсияи роҳбари ҳамон синф ва маслиҳати муаллимон ҷудо менамояд.

Мавзӯъҳои рисолаҳо пешакӣ дар маҷлиси кафедра ҳартарафа муҳокима ва тасдиқ карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки мавзӯъҳои рисолаҳои дипломӣ ҳанӯз дар нимаи дуюми курси IV тақсим карда мешаванд. Ин боиси он мешавад, ки студент хеле барвақт мақсад ва вазифаи мавзӯи худро дурустакак мулоҳиза намуда, нақшаи корро муайян мекунад ва бо ҷамъ намудану омӯзиши адабиёти зарурӣ барвақт машғул мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки агар мавзӯъ ба студент ба хубӣ шинос бошад, яъне ӯ аз курси III сар карда ва ё ҳеҷ набошад дар курси IV дар атрофи ҳамон мавзӯъ кори курсӣ навишта бошад, рисолаҳои дипломии аълосифат ҳосил мешавад. Ва баръакс, мавзӯъ нав бошаду он танҳо дар охири курси IV супурда шуда бошад, рисолаи дипломӣ аксаран хеле хом навишта мешавад.

Рисолаи дипломӣ. Ҳар як студент орзу дорад, ки ба боварии муаллимон ва кафедра соҳиб шавад, рисола нависад.

Таълифи рисола имтиёз ҳам дорад. Студенте, ки рисолаи дипломӣ навиштааст, аз дигар имтиҳоноти давлатӣ қариб озод мешавад. Ӯ дар КИД (Комиссияи имтиҳонии давлатӣ) танҳо рисолаи худро ҳимоя мекунад.

Рисолаи дипломӣ — оинаи донишу қобилияти студент ҳисоб меёбад, зеро дар он доираи назари муаллиф, дараҷаи вуқуфи ӯ аз адабиёти мавҷуда, захираи дониш, тафаккурот ва маҳорати қаламрониии ӯ маҳз дар рисола зоҳир мегардад. Ва КИД ҳам ана ҳамаи ин масъалаҳоро ба ҳисоб гирифта, ба сифати рисолаи дипломии студенти хатмкунанда баҳо мегузорад.

Пас, омили сифати рисолаи дипломӣ кадом аст?

Албатта, сифати рисола ба бисьёре чизҳо (масалан, қимати мавзӯъ, дар вақташ интихоб шудани он ва ғайра) вобаста аст. Лекин омили асосӣ, пеш аз ҳама, ба худи студент ва роҳбари илмии ӯ вобаста мебошад.

Агар студент мавзӯъро барвақт интихоб намуда, нақшаи онро хуб андешида, материалро суботкорона ҷамъ намуда, онро бо шавқу рағбат ба рӯи коғаз оварад ва он навиштаҳоро гаштаю баргашта аз нав кор кунад, бешубҳа, рисолаи хуб ба даст хоҳад омад. Баҳои баланди КИД ба рисолаи дипломӣ — орзӯи ҳар як студент аст.

Омили дигари чигунагии рисолаи дипломӣ — роҳбари илмӣ мебошад. Агар роҳбари илмӣ ҳар як андешаи шогирди худро бодиққат шунида, савобу носавоби онро гӯяд, ҳар як навиштаи ӯро боҷиддият хонда, тарафҳои дурусту нодурусти онро нишон диҳад, он рисола, бегумон, хуб хоҳад шуд. Баҳои аълои гирифтаи шогирд — ифтихору шодии устод аст.

Хуллас, гарави хушсифатии рисолаи дипломӣ, аз як тараф, меҳнаткашии шогирд бошад, аз тарафи дигар, серталабии устод аст.

Аммо бисьёр студентон ба рисолаи дипломӣ саҳл менигаранд, онро осон гумон мекунанд. Онҳо фаромӯш мекунанд, ки дуруст ифода карда тавонистани фикр ба бисьёр ва бамулоҳиза навиштан вобаста аст ва пеши қалам танҳо дар меҳнат, дар меҳнати пурмашаққат кушода мешавад. Қисме аз чунин хатмкунандагон бо як илоҷе рисоларо ҳимоя карда, диплом гирифта, соҳиби маълумоти олӣ шаванд ҳам, шахси комилу фозил шуда наметавонанд, дар иншои як порча мактуб, ё мақола ё ғайри он душворӣ мекашанд.

Мутаассифона, баъзе муаллимон ҳам дар таълифи рисолаҳои дипломӣ (махсусан, корҳои курсӣ) серталабӣ зоҳир намекунанд, шогирдро дар кор кардан, ҷустуҷӯ ҷамудан, таҳрирҳои такрорӣ маҷбур намекунанд. Ин муносибат, зоҳиран, нисбат ба студент ғамхорист. Аммо, дар ҳақиқат, ин камоли бераҳмист, зеро ба туфайли он хатмкунанда маълумоти олӣ гирад ҳам, саводи комил намебарорад, зеҳни ҳақиқӣ шуда наметавонад.

Дар охир таъкид мекунем, ки роҳбари илмӣ серталаб, мавзӯъ муҳимму зарурӣ ва шогирд меҳнаткаш бошад, рисолаи хуби дипломӣ ба даст меояд.

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
номзади илмҳои филологӣ.